**АГЕНТИИ АВИАТСИЯИ ГРАЖДАНИИ
НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

---

# Ф А Р М О И Ш

Аз «____» _______ соли 2024 №______ ш. Душанбе

Дар бораи тасдиқи нақшаи чорабиниҳои дохилиидоравии зиддикоррупсионии Агентии авиатсияи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба Стратегияи давлатии муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, барои марҳилаи якум (солҳои 2021-2025) барои соли 2024

Бо мақсади иҷрои фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 августи соли 2021, № 222 «Стратегияи давлатии муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, барои марҳилаи якум (солҳои 2021-2025)» ва банди 8 Низомномаи Агентии авиатсияи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2017, таҳи № 596),

## Ф А Р М О И Ш  М Е Д И Ҳ А М:

1. Нақшаи чорабиниҳои дохилиидоравии зиддикоррупсионии Агентии авиатсияи гражданӣ оид ба Стратегияи давлатии муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, барои марҳилаи якум (солҳои 2021-2025), барои соли 2024 тасдиқ карда шавад (**замима мегардад**).
2. Нақшаи мазкур тибқи тартиб ба воҳидҳои сохтории Агентии авиатсияи гражданӣ дастрас карда шавад.
3. Назорати иҷроиши фармоиши мазкурро ба зиммаи худ мегирам

**Асос:** фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 августи соли 2021, таҳти № 222 ва мактуби Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 феврали соли 2024, № 31/10-44(8)

Директор: Сафарзода Дилшод

**Замима**

Ба фармоиши Директори Агентии
авиатсияи граждании назди Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «____» ____________ соли 2022 №___
тасдиқ шудааст

**НАҚШАИ**
**чорабиниҳои Агентии авиатсияи граждании**
**назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**барои соли 2022 ҷиҳати тадбиқи**
**«Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия**
**дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030»**

| № р\т | Номгӯи чорабиниҳо | Мӯҳлати иҷро | Масъули иҷро | Иҷроиш |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Интихоб ва ҷобаҷогузории дурусти кадрҳо бо роҳи гузаронидани озмун, баҳодиҳии фаъолият, аттестатсия, ҷойивазкунии хизматчиёни давлатӣ ҳамчун чораҳои муоссири зиддикоррупсионӣ | Мунтазам | Шуъбаи кадрҳо ва ҳуқуқ | Пешниҳоди ҳисоботи (солона) |
| 2. | Роҳандозӣ намудани чораҳо вобаста ба ҳавасмандгардонии хизматчиёни давлатии љавон ва таҳким бахшидани арзишҳои зиддикоррупсионии онҳо | Мунтазам | Шуъбаи кадрҳо ва ҳуқуқ Кумитаи итифоқи касабаи Агентӣ | Пешниҳоди ҳисоботи (солона) |
| 3. | Амалӣ намудани чораҳо оид ба ҷорӣ намудани низоми ягонаи иттилоотӣ баҳри кам намудани робитаи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бо хизматчиёни давлатӣ, инчунин муайян намудани рақами телфони боварии доимоамалкунанда ва фоъол нигоҳ доштани сомонаҳои расмӣ | Мунтазам | Шуъбаи кадрҳо ва ҳуқуқ Шуъбаи робитаҳои байналмилалӣ | Иҷроиш то нимсолаи якум |
| 4. | Назорати интизоми меҳнат дар дастгоҳи марказии Агентии авиатсияи граждонӣ | Мунтазам | Шуъбаи кадрҳо ва ҳуқуқ | Ҳисобот (нимсола ва солона) |
| 5. | Пешгирии ҳолатҳои истифодаи ғайримақсадноки маблағҳо ва роҳ надодан ба хараҷотҳои дуюминдараҷа | Мунтазам | Раёсатҳо ва шуъбаи молия ва иқтисод | Пешниҳоди ҳисоботи (солона) аз ҷониби шуъбаи молия ва иқтисод |
| 6. | Ҷиҳати пешгирии ҳолатҳои коррупсионӣ баргузор намудани | Давоми сол | Шуъбаи кадрҳо ва ҳуқуқ | Ҷамъбасти ҷаласа бо |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | вохӯриҳо бо кормандони мақомоти дахлдор | | | протоколи дахлдор |
| 7. | Андешидани чораҳои муосир ҷиҳати пешгирӣ намудани тасарруф ва ҳолатҳои дигари коррупсионӣ ҳангоми истифодаи маблағҳои буҷетию ғайрибуҷетӣ ва дар ин замина таъмини шаффофият дар раванди иҷрои он | Мунтазам | Раёсату шуъбаҳои дахлдор ва шуъбаи молия ва иқтисод | Пешниҳоди ҳисоботи (солона) аз ҷониби шуъбаи молия ва иқтисод |
| 8. | Гузаронидани мониторинги татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ | То охири соли 2022 | Аз ҷониби Раёсату шуъбаҳои Агентӣ пешниҳод намудани маълумотномаи таҳлилӣ ба шуъбаи кадрҳо ва ҳуқуқ | Ҷамъбаст ва пешниҳоди ҳисоботи (солона) |
| 9. | Ба роҳ мондани омӯзиш ва тарғиби Стратегияи муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2021-2025 | Давоми сол | Шуъбаи кадрҳо ва ҳуқуқ Корхонаҳои авиатсиони кишвар | Бо протоколи дахлдор ҷаъмбаст карда шавад |
| 10. | Андешидани чораҳои таъхирнопазир ҷиҳати татбиқи амалии “Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ” бо мақсади таъмини саривақтӣ ва шаффофияти ҳамагуна маводу иттилоот | Мунтазам | Шуъбаи молия ва иқтисод ва шуъбаи коргузорӣ | Пешниҳоди ҳисоботи (солона) аз ҷониби шуъбаҳои дахлдор |
| 11. | Ба роҳ мондани сиёсати зиддикоррупсионӣ дар соҳаи авиатсияи гражданӣ | Давоми сол | Роҳбарияти Агентӣ ва шуъбаи кадрҳо ва ҳуқуқ (баргузории ҷаласа) | Бо протоколи дахлдор ҷаъмбаст карда шавад |
| 12. | Гузаронидани сӯҳбату вохӯриҳо бо ҳайати кормандони идораҳои тобеии Агентӣ ва кормандон ҷиҳати пешгири кардани ҳолатҳои коррупсионӣ | Давоми сол | Шуъбаи кадрҳо ва ҳуқуқ | Пешниҳоди ҳисоботи (солона) |
| 13. | Таҳлили истифодаи самараноку мақсадноки маблағҳо дар корхонаҳои авиатсиони кишвар | Давоми сол | Шуъбаи молия ва иқтисод | Пешниҳоди ҳисоботи (солона) |
| 14. | Ташаккули механизми назорати риояи талаботи тахассусӣ | Давоми сол | Шуъбаи кадрҳо ва ҳуқуқ | Пешниҳоди ҳисоботи (солона) |
| 15. | Таъмин, риоя ва татбиқи амали Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият”, бо риояи принсипҳо, шарту талабот ва тартиби ягонаи иҷозатномадиҳӣ, пешгирӣ ва бартарафсозии омилҳои коррупсионӣ ҳангоми иҷозатномадиҳӣ | Давоми сол | Раёсати танзим ва стандартҳо | Пешниҳоди ҳисоботи (нимсола ва солона) |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 16. | Таъмин ва риояи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ ҳангоми фаъолияти сертификатсиякунонї, риояи принсипҳо, шарту талабот ва тартиби ягонаи сертификатсия, пешгирӣ ва бартарафсозии омилҳои коррупсионӣ | Давоми сол | Раёсати танзим ва стандартҳо | Пешниҳоди ҳисоботи (нимсола ва солона) |
| 17. | Дар асоси қонунгузорӣ содда гардонидани расмиёти маъмурӣ ҳангоми додани сертифкат ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ | Давоми сол | Раёсати назорат ва Раёсати танзим ва стандартҳо | Ҳисобот (солона) |
| 18. | Ба роҳ мондани омӯзиши иловагии қонунгузории зиддикоррупсионӣ, ташкили курсҳои таълимӣ барои хизматчиёни давлатӣ оид ба риояи одоби хизматӣ, аз ҷумла барои кормандони идораҳои тобеии Агентӣ оид ба бартараф намудани бархӯрди манфиатҳо ва тақвият бахшидан ба раванди муқовимат ба коррупсия | Давоми сол | Муовини директори Агентӣ шуъбаи кадрҳо ва ҳуқуқ корхонаҳои авиатсиони кишвар | Протокол |

**Эзоҳ: Иҷроиши бандҳои дахлдори нақшаи мазкур ҳатмӣ буда, масъулон вазифадор карда мешаванд, ки аз натиҷаи корҳои анҷомёфта ба директори Агентӣ ахбороти расмӣ пешниҳод намоянд.**